**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи унвончӯ Ҷӯраева Хубонгул Ёрмаҳмадовна дар мавзӯи « Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои ХУ111 - Х1Х» », ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёт тоҷик пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Ҷӯраева Х.Ё. ба таҳқиқи яке аз масоили мубрами илми суханшиносии тоҷик рӯзгор ва осори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Водии Ҳисор дар асрҳои ХУ111- Х1Х бахшида шудааст. Доираи адабии Водии Ҳисор баъд аз Самарқанду Бухоро яке аз марказҳои муҳими адабӣ дар Мовароуннаҳр маҳсуб мешуд ва дар тӯли таърих аз ин водӣ шоирону нависандагон, уламову урафо, хаттотону ҳунармандони касбу пешаҳои мухталиф бархостаанд. Дар асрҳои ХУ111- Х1Х аз Водии Ҳисор суханварони зиёде ба майдони адабиёт омадаанд, ки яке аз шоирони номвари ин давра Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ мебошад.

Сохтори рисолаи Х.Ё. Ҷӯраева аз муқаддима, се боб, ки ҳар як дорои фаслҳои ҷудогонаанд, хулоса ва китобнома иборат аст.

Дар муқаддима аҳаммият, муҳиммияту навгонии мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, манбаъ, асосҳои назарию амалии таҳқиқ, усулу равиши таҳқиқ баён шудааст.

Дар боби аввали рисола, ки “Муҳити сиёсию адабии Ҳисор дар асрҳои XVIII-XIX” унвон дорад, вазъияти сиёсӣ – иҷтимоӣ ва адабии замони зиндагии Мирзо Ҳасрати Ҳисорӣ дар асоси омӯзиши дақиқи сарчашмаҳои таърихию адабӣ ва ҷуғрофии қурунивустоӣ ва асарҳои тадқиқотии донишмандони муосир муайян карда шудааст. Барои таъйини вазъи адабии замони зиндагии шоир муаллифи рисоларо лозим омада, ки вазъи доираҳои адабии Бухорову Самарқанд ва алалхусус маҳфилҳои адабии музофотҳо, чун Кӯлобу Қаротегин, Хуҷанду Истарафшан, Хӯқанду Кеш, Кангурту Дарвоз ва Бадахшону Зарафшон

низ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳад, зеро бидуни баррасии доираи адабии ин музофоти таҳқиқи ҳаёти адабии як водӣ ва дар маҷмӯъ таърихи умумии адабиёти тоҷик имконнопазир аст. Дар фасли дувуми боби аввали рисола муаллиф ба таври мухтасар перомуни шоирони ҳамасри Ҳасрат ва вижагиҳои адабиёти ин давра сухан мекунад.

Боби дувуми рисола «Шарҳи ҳоли Мирзо Ҳасрат ва мероси адабии ӯ» ном дошта, муаллиф дар фасли аввал зиндагӣ ва дар фасли дувум мероси адабии шоирро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Х. Ҷӯраева бо такя ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ, асарҳои тадқиқотӣ ва алалхусус мероси адабии шоир то андозае тарҷумаи ҳоли илмии шоирро муайян кардааст. Баррасии баёзу ҷунгҳо, маълумоти сарчашмаҳо ва асарҳои тадқиқотии донишмандон ба мусанниф имкон дода, ки мероси боқимондаи шоирро мушаххас намояд. Бино ба таҳқиқи Х. Ҷӯраева то кунун аз Ҳасрати Ҳисорӣ 93 ғазал (555 байт), 21 мухаммас (302 байт), як мусаддас (21 байт), як маснавӣ (19 байт), 2 рубоӣ (8 байт), порчаи назми титол (38 байт) ва 7 байти ҷудогона ҳамагӣ 1146 байт боқӣ мондааст. Ҳамчунин 2 порчаи мансури бо назм омехта, ки онҳоро «титол» ё «татол» ном мебаранд, аз ҷумлаи мероси адабии шоир донистааст.

Боби севуми рисола «Таҳлили мавзӯоти ашъори Мирзо Ҳасрат» ном дорад, ки дорои чаҳор фасл аст. Мусанниф дар фасли аввали боби севум, ки «Мавзӯи ишқ дар ашъори Ҳасрат» унвон дорад, нахуст ба таври мӯъҷаз перомуни мавзӯи ишқ ва анвоъи он дар адабиёти форсии тоҷикӣ маълумот дода, баъдан нақши онро дар ашъори Ҳасрат таҳқиқ мекунад. Дар фасли дувуми боби севум мавзӯи панду андарз дар ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Бино ба таҳқиқи муаллиф, Ҳасрат дар даврае мезиста, ки фисқу фасод, бераҳмиву бешафқатӣ, макру фиребу хиёнату ҷаҳолат, беимонӣ, пастию фурӯмоягӣ ҷомеаро фаро гирифта буд ва болонишинҳо ҳеҷ раҳму шафқате ба аҳли меҳнат ва ҳунар надоштанд. Аз ин рӯ, панду насиҳати шоир оҳанги сахту нафратомез дорад, дар он баъзан калимаву ибораҳои дурушту нешдор истифода шудаанд, ки ба фошгӯии ҷасуронаи шоир шаҳодат медиҳад.

Муаллиф рисола ба хулоса меояд, ки андешаҳои ахлоқии шоир дар партави андешаҳои инсонпарварӣ ва сӯфиёнаи ӯ баён шудаанд ва барои ҳимоя табақаи мардуми оддӣ ва пешгирии зулми золимони замон нигаронида шудааст.

Фасли севуми боби севуми рисола *«Шикоят ва эътироз алайҳи беадолатиҳои замон»* ном дорад. Аз рисола Х. Ҷӯраева бармеояд, ки маҳкуми аҳли ҷоҳу сарват ва ҳимояти халқи мазлум яке аз нишонаҳои асосии қувват гирифтани рӯҳияи эътирозӣ дар адабиёти ин давра аст, ки ашъори Ҳасрати Ҳисорӣ намунаи боризи он мебошад. Шоир золимию хунхорӣ, хасисию бемуруватӣ ва дигар хислатҳои разилонаи аҳли ҷоҳу сарватро фош ва зери тозиёнаи танқид гирифтааст. Аз баррасии мавзӯи номбурда маълум мешавад, ки қиёми шоир ба муқобили тӯдаи одамсурату ҳайвонсирати ҳукмрон, пеш аз ҳама, ба ҳаҷви намояндагони ҷудогонаи он сурат гирифта аст. Муаллифи рисола аз баррасии ашъори Ҳасрат ба хулоса меояд, ки шоир рафтору кирдори муфтхӯрон, ахлоқи бади онҳо, макру фиреби он тӯдаро омӯхта ва бо як услуби аҷиби ҳаҷвӣ, ки онро «титол» ё «татол» меномид, мазаммату масхара намудааст. Дар фасли чаҳоруми боби севум муаллифи рисола хусусияти бадеии ашъори Ҳасрати Ҳисориро мавриди таҳқиқ қарор додаст, ки аз муҳимтарин қисмати рисоларо ташкил медиҳад. Муаллифи рисола ашъори Ҳасратро ҳам бо шоирони бузурги пешин, ки аз онҳо таъсир бардоштааст ва ҳам ҳамсухании ӯро бо шоирони ҳамасраш дар муқоиса таҳқиқ мекунад. Ин амал ба муаллифи рисола имкон дода, ки мушаххасоти сабки шоирро ба дурустӣ муайян кунад ва мақоми Ҳасратро дар адабиёти тоҷик таъйин намояд.

Дар хулоса натиҷаҳои илмии рисола ба тариқи фишурда оварда шудааст, ки пояи хуби илмӣ доранд.

Дар маҷмӯъ муаллифи рисола саъй намудааст то заминаҳои фарҳангии замони зиндагии Ҳасрат, проблемаҳо ва мавзӯъҳои асосии адабиёт дар он шаҳру навоҳие, ки шоир зиндагӣ намудааст, иртиботаш бо ҳокимони замон ва робитаҳояш бо шоирони ҳамасраш муайян шавад,

то ба ин васила шарҳи илмии рӯзгори шоир ба даст оварад. Х.Ҷӯраева барои таъйини мақоми шоир дар таърихи адабиёти тоҷик давраҳои ташаккули шахсияти Ҳасрат ба ҳайси шоири орифи исёнгар, таркиби жанрӣ, мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ, сабку услуби эҷод, шеваи хоси суханварӣ, таъсирпазириаш аз шуарои пешин ва ҳамсуханиаш бо муосирин мавриди таҳқиқи қарор медиҳад. Илова бар ин, мундариҷаи ғоявии ашъори Ҳасрат, сабки шеваи сухан ва ҷаҳонбинии ӯ бо шоирони ҳамасраш муқоиса шудааст. Ин ҳама имкон дода, ки муаллифи рисола муҳити адабии водии Ҳисор дар охири асри ХУ111 ва ибтидои асри Х1Х муайян кунад ва мақоми Ҳасрат дар таърихи адабиёти тоҷикӣ таъйин намояд. Аз таҳқиқи рисола бармеояд, ки Ҳасрат аслан ҳамон суннатҳои адабии адабиёти классикиро идома додааст, аммо дар шеваи сухан пайрави сабки ҳиндист. Ба гуфти Х.Ҷӯраева яке аз муҳимтарин навоварии шоир дар адабиёт ҳамоно ашъори «титол» ё «татол»-ҳои ӯст, ки дар онҳо эътирози шоир нисбат ба вазъи нобасомони замон тасвир шуда, тоифаи ҳукмрон сахт накуҳиш шудаанд. Дар маҷмӯъ, дар рисола тамоми паҳлӯҳои ҳаёт ва эҷодиёти Ҳасрат ва муҳити адабии Водии Ҳисор дар асрҳои ХУ111-Х1Х таҳқиқ гардида, муаллиф ба мақсади пешгузоштааш ноил гардидааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии рисола дар он аст, ки натоиҷи тадқиқотро метавон дар навиштани китобҳои таърихи адабиёти тоҷик, китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, курсу семинарҳои ихтисос аз таърихи адабиёти тоҷик барои донишҷӯён ва доираи васеи хонандагон истифода бурд. Ҳамчунин дастовардҳои илмии рисоларо дар навиштани таърихи водии Ҳисор ва нақши ин водии шоирхез дар тамаддуни мардуми тоҷик метавонад муфид бошад. Ҳамчунин муаллиф маҷмӯаи нисбатан мукаммали ашъори Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисориро нашр расондааст, ки дар шинохт ва муаррифии шоир судманд аст.

Хулоса, рисолаи унвонҷӯ Ҷӯраеыва Хубон Ёрмаҳмадова дар мавзӯйи «Мирзо Олимҷон Ҳасрати Ҳисорӣ ва муҳити адабии Ҳисор дар асрҳои

ХУ111 - Х1Х» тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мебошад ва онро барои дифоъ тавсия медиҳам.

**Роҳбари илмӣ,**
**мудирии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти ДДОТ ба номи С. Айнӣ доктори илми филология, профессор** **Ш. Р. Исрофилниё**

**Нишонӣ:**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Телефон: (+992) 907798265 (моб.)
E-mail: homidov65@ mail.ru

«Имзои профессор Ш.Р. Исрофилниёро тасдиқ мекунам».

**Сардори раёсати кадрҳои ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Назаров Давлатхон**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС